**Протоколи №33-и**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-117
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 22-юми августи соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои
шуро 16 нафар,
5 аз рӯйи ихтисос

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ дар мавзуи "Таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ (Роҳбари илмӣ: Каримзода Шуҳрат Бозор – доктори илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии "Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон") ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Соҳибназарзода Ҳавасмоҳ Тилло маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Набизода Азиза Абдунабӣ ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Набизода Азиза Абдунабӣ дар мавзуи "Таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти гистология дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи

ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Ҷамшедов Парвонахон** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ.

– **Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

– **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Соҳибназарзода Ҳ.Т.